**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи «Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст**.

Тавре ки маълум аст, дар даҳсолаи сипаришуда ҳамаи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми кредитии таҳсилот гузаштан, ки яке аз хусусиятҳои он истифодаи васеӣ воситаҳои мултимедиа дар ҷараёни таълим мебошад. Дар ин ҳолат омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Воситаҳои иттилоот ва мухобиротӣ барои маориф пешбинишуда технологияҳои информатсионию коммуникатсионии тавъам ба маводи таълимию методӣ, техникию меъёрӣ ва ташкилию дастурӣ мебошанд, ки дар маҷмӯъ амалӣ кардани технологияи барои истифодаи онҳо мувофиқтарро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ омадагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кретидии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз проблемаҳои муҳими назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб меравад.

Дар автореферат омадааст, ки имрӯз барои омӯзгорон зарурати аз худ кардани васоитҳои техникаи навтарини таълим, ба монанди технологияҳои шабакавӣ (телеконфренсия, почтаи электронӣ), китобхонаҳои электронӣ, нармафзор, низоми мултимедиа ва ғайра пеш омадааст. Дар баробари ин, шаклҳои ба роҳ мондани фаъолияти омӯзишӣ аз ҳисоби тағйири таносуби машғулиятҳои синфӣ ва беруназасинфӣ, афзудани теъдоди корҳои мустақилона, фардӣ ва дастаҷамъонаи донишҷӯён, инчунин ҳаҷми машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ дигаргун мешаванд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки бо назардошти равияҳои нави иттилоотонӣ такмил ва азнавсозии муҳтавои маориф тақозои замон аст, ки бори дигар зарурати тағйироти мунтазамро дар соҳаи мазкур исбот менамояд. Дар ин маврид омӯзгорон «ноқилон»-и маводи таълим ва ташкилкунандагони ҷараёни таълим набуда, ташкилкунандагони ҷараёни таълим мегарданд, ки дар он хонандагон набояд қабулкунандагони ғайрифаъоли маълумоти тайёр бошанд, балки дар иҷрои вазифаҳо ва ҳалли масъалаҳо мустақилияти бештар зоҳир намоянд.

Шиносоӣ бо автореферат нишон медиҳад, ки муҳаққиқ М.Ш. Собитов кӯшиш намудааст, проблемаи омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи

воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқу баррасӣ намояд.

Бояд қайд кард, ки тайёр намудани барномаҳо ва воситаҳои мултимедиа яке аз масъалаҳои илмҳои дақиқ ва техникӣ буда, муҳаққиқ кӯшиш намудааст истифодаи онро дар ҳамбастагӣ бо илми педагогика мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Дар чунин самт баргузории таҳқиқот гувоҳи он аст, ки масъалаи омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун падидаи педагогӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ вазъи омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баҳодиҳӣ намуда, қисми амалӣ-озмоишии кори таҳқиқотии худро баргузор намудааст. Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотонию коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим ба тағйироти куллии вазифаи омӯзгор, ки мушовир ва ташкилкунанда мегардад, мусоидат менамояд.

Аз таҳлили маводҳои нашршуда, ки дар автореферат пешниҳод гардидаанд чунин бармеояд, ки М.Ш. Собитов дар ҳамаи марҳилаҳои кори таҳқиқотӣ ба баробари иҷрои кори диссертатсионӣ дар конфронсу дигар чорабиниҳои илмӣ-методӣ ширкат варзида, дар пешрафти назария ва амалияи таҳсилоти кредитӣ ҳиссагузорӣ намудааст.

Дар айни замон, дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ – методии таҳқиқоти мазкур, ки мо онҳоро таъкид намудем, дар кори мазкур камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Вобаста ба он, ки таҳқиқоти мазкур дар шароити илмӣ – таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, бамаврид мебуд, ки дар рисолаи илмӣ пажӯҳиши олимони Тоҷикистон низ зикр карда мешуд.
2. Новобаста аз он, ки меъёри забони адабӣ ва услуби баёни маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ба меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик тибқи талабот мебошад, вале баъзе хатогиҳои имлоӣ дар рисола ба назар мерасанд.

Аммо ин норасоиҳои зикргардида арзиши илмӣ-методии таҳқиқоти гузаронидашударо нисбати илми педагогика, амалияи таълим дар мактабҳои олӣ, омодасозии касбӣ – меҳнатии омӯзгорони оянда паст намезанад.

Аз ин лиҳоз кори илмӣ-таҳқиқотии Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи «Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмӣ-татқиқотии ба анҷомрасида буда, он ҷавобгӯй ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

мебошад ва муаллифи он Собитов Мазбут Шавкатович барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент мудири кафедраи технологияи
иттилоотӣ ва методикаи таълими
информатикаи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба носи Носири Хусрав Файзализода Баҳрулло
сана 19.05.2021. Файзалӣ

Имзои Файзализода Б.Ф.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

**Маълумот барои тамос:**
**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ,67.**
**Телефон: (+992 3222) 2-54-81, 2-22-53.**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**
**Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj**